Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур (734003,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
https://www.tajagrun.tj/)

ТАҚРИЗ

ба автореферати Шарифзода Сухроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва авлавиятдошта маҳсуб ёфта, афзоиши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ тавассути истифодаи мақсаднок ва самараноки замин, истифодаи оқилонаи иқтидорҳои мавҷуда дар бахши аграрӣ ба даст оварда мешавад. Барои таъминоти илмию методии фаъолият ва ташкили хоҷагидорӣ, таҳқиқи хусусиятҳои ташаккули фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, сохтори истеҳсолӣ ва инфрасохтори он таҳияи консепсия ва сохтори иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ дар шароити муосир аз ҷониби муаллиф муҳим арзёбӣ гардидаст.

Қайд намудан лозим аст, ки масъалаҳои назариявӣ ва методологии вобаста ба таъминоти иттилоотиву таҳлили истифодаи самараноки иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ва идоракунии равандҳои такористеҳсоли заминҳои ҳосилхези кишоварзӣ ва сармоягардии онҳо дар шароити муосир ҳанӯз ҳам пурра омӯхта нашудааст. Аз ин лиҳоз, зарурияти омӯзиши масъалаҳои мазкури соҳаи кишоварзӣ мубрамияти мавзуъро асосонок ва гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ин самт зарур мегардонад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар муасиссаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ» давоми солҳои 2019-2023 дар асоси маълумотҳои оморӣ, ҳисоботҳои солонаи вазорату сохторҳои дахлдор, хоҷагиҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмӣ ва дигар сарчашмаҳо аз ҷониби унвонҷӯ гузаронида шудааст.

Шарифзода Сухроб Каримхон дар автореферат самтҳо ва мазмуни арзёбии самаранокии захираҳои замин ва хусусиятҳои замин ҳамчун амволи ғайриманқул шарҳу эзоҳ додааст. Ҳамзамон қайд менамояд, ки Фонди умумии замини мамлакат дар соли 2023 14137,9 ҳаз.га-ро ташкил дода, дар муқоиса ба соли 2019 25,3 ҳаз.га зиёд шудааст. Фонди замини вилоят Хатлон дар сохтори

заминҳои кишоварзии мамлакат 2468,2 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки он ба 17,4 фоизи фонди замини мамлакат рост меояд.

Муаллиф самаранокии истифодаи заминҳои кишорвазиро дар мисоли хоҷагиҳои гуногуни вилояти Хатлон арзёбӣ намуда, дарҷ менамояд, ки солҳои 2019-2023 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар вилоят аз 26,8 то 35,3 млрд.сомонӣ ва ё 31,7% афзудааст.

Кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти бланди илмӣ ва амалӣ бошад ҳам, дар баробари ин камбудиҳо низ мушоҳида карда мешавад, аз ҷумла: 1) Дар саҳифаи 26 ҷадвали 8 нишондиҳандаҳо пурра таҳлил нагардида ва ҷумлабандии дар таҳлил овардашуда мазмунан низ таҳрирталаб аст. 2) Ҷадвалҳои овардашуда нишондиҳандаҳои соли 2024-ро дар бар мегирифт, аҳамияти илмии кори диссертатсионӣ боз ҳам баландтар мегардид.3) Дар автореферат баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешавад.

Эродҳои дарҷгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмии таҳқиқотро паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ автреферати диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: н.и.и., дотсенти
кафедраи фаъолияти бонкӣ,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Сафарова М.Б.

Имзои н.и.и., дотсент Сафарова М.Б.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пиризода Сирочиддин

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Деҳотӣ ½
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Тел: +992(37) 234 83 46
E-mail: tguk202@gmail.com